
ДАР МЕҲМОНӢ

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА
ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ин китоб бо дастгирии саховатмандонаи Лоиҳаи шарикии СММ барои
пешбурди ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият (UNPRPD) таҳия шудааст.


Ҳайёҳуе, ҳайёҳу,
Мошин давон чун оҳу.
Шодон равон ба деҳа,
Хонда ба ҷон бадеҳа.




Асалаки мо, марҳабо!
Ҳандалаки мо, марҳабо!


Дар бағалам сабадча,
Деҳа макони бача.
Себаки сурх дар боғ
Гӯё фурӯзон чароғ.




Ҳо, ҷони бибӣ, оед!
О, шумо дар куҷоед?!
Офтоби мо баҷо шуд,
Хӯроки шоми мо шуд.






Ҳар гаҳе меҳмон ояд,
Ҷон рақсад, дил сарояд.


Меҳмони мо азиз аст,
Ширин аз ҳама чиз аст.

Ин китобча намунае аз силсиламаводи мусбати иртиботӣ оид ба ҳаёти кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият дар Тоҷикистон мебошад. Он барои кӯдакон таҳия шуда, бахше аз маъракаи фарогирии кӯдакону калонсолони дорои маъюбият дар саросари кишвар аст.

Қаҳрамони ин китобча – Нозанин духтараки ҳушёру доно ва чаққону зебост. Ӯ савори аробачаи худ тозаю озода ба мактаб рафта, аъло мехонад ва ғолиби озмун мешавад. Нозанин бо ҳамсолонаш баскетбол мебозад, дар хона ва деҳа ба пайвандонаш ёрӣ мерасонад, зимни тамошои шаҳр низ кори савоб мекунад. Ҳамаи атрофиён ӯро дӯст медоранд.

Агар фарзанди шумо дорои маъюбият бошад, умедворем, ки аз хондани ин китобчаи тоҷикии фарогири ҳаёти ҳама кӯдакон хушҳол хоҳад шуд. Агар фарзанди шумо дорои маъюбият набошад, ин китобчаро метавонед бо мақсади омода кардани ӯ барои шиносоӣ, пазироӣ ва дӯстӣ бо дилхоҳ кӯдак истифода кунед.

## Баъзе маълумоти муҳим дар бораи шахсони дорои маъюбият

- Шахсони дорои маъюбият ва бемаъюбият назар ба фарқ бештар умумият доранд.
- Одам ҳар қадар бо кӯдак ё шахси калонсоли дорои маъюбият бештар вақт гузаронад, ҳамон андоза тарсу ҳароси ӯ камтар мешавад.
- Муҳити беҳтарин барои инкишофи кӯдакони дорои маъюбият оила мебошад. Кӯдаконе, ки дар оилаи худ ба воя мерасанд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва равонӣ бештар осебнопазиранд ва хубтар инкишоф меёбанд.
- Кӯдакони дорои маъюбият қобилияти омӯхтани чизҳои зиёдеро доранд, ба шарте ки аз ҷониби оила, мактаб ва ҷомеаи худ дастгирӣ ёбанд.
- Кӯдакони дорои маъюбият аксаран дар якҷоягӣ бо кӯдакони бемаъюбият беҳтар меомӯзанд ва инкишоф меёбанд.
- Кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият метавонанд шахсони комил, хушбахт ва фоидаовар бошанд, агар барои онҳо дастрасӣ ба таҳсилот, тавонбахшӣ ва имкониятҳои баробар фароҳам шуда бошад.
- Кӯдакон ва калонсолони дорои маъюбият дилсӯзиро нисбат ба худ намепазиранд, балки хоҳони меҳрубонӣ, эҳтиром ва имкониятҳои баробар ҳастанд.
- Маъюбият «ҷазо» аз тарафи Худо нест. Он аз як шахс ба шахси дигар намегузарад.
- Кӯдакони дорои маъюбият ҳуқуқ ба дастгирӣ аз ҷониби соҳаҳои гуногун – тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ доранд.

ҲАР ЯКИ МО – ТАВОНО!